"Тасдиқ менамоям"
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон д.и.т., профессор
________________________Назарзода Х.Х.
"__29__" ___08_______соли 2023

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Диссертатсия дар мавзӯи: "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраи маркетинг, тиҷорат ва сервиси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Абдураҳмон Ҳакимзода 14-уми июли соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, соли 2012 онро аз рӯи ихтисоси маркетинг дар бозори байналхалқӣ хатм намудааст.

Соли 2012 ба кафедраи маркетинг ва тиҷорат ба ҳайси ассистент ба кор омадааст. Соли 2013 ба шуъбаи Магистратура, аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, соли 2016 онро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм кардааст.

Аз 02.01.2018 №3/4 – 149 ба шуъбаи номбурда ҳамчун унвонҷӯ қабул шудааст.

Дар давоми фаъолияти худ ӯ бо ҳаммуаллифии ҳамкорон панҷ комплекси таълимӣ-методӣ, се воситаи ёрирасони таълимӣ ва зиёда аз 22 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр намудааст.

Бояд қайд кард, ки номбурда дар тамоми чорабинӣ ва озмунҳои илмию фарҳангии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ ва бо ифтихорнома ва дипломи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, диплом ва сипосномаи Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дипломи Ҳукумати ноҳияи Фирдавсӣ сарфароз гардонида шудааст.

Аз моҳи апрели соли 2020 дар кафедраи маркетинг, тиҷорат ва сервиси ДДТТ ба ҳайси муаллими калон кору фаъолият дорад.

Мавзӯи диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 06.03.2018, суратҷаласаи №9 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳамитов Муҳитдин Сайдалиевич мебошанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзӯи: “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

**1. Мубрам будани рисолаи илмӣ**

Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардонидани некӯаҳволии мардум, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода ба мушкилоти мубрами иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст. Таҳқиқоти тахассусии ба анҷом расонидашударо ифода намуда, мақсади кор ба даст омадааст, масъалаҳо дар мувофиқат ба услубҳои интихобшуда ҳал гардида, хулоса ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи: “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикргардида мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳад гузошт.

**3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзӯи дисертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои

озоди иқтисодӣ, ки ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робитаи зич дорад.

## 4. Навгонии илмии таҳқиқот

Асоснок намудани асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии зерини рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба самтҳои афзалиятнок, рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад:

1. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, андешаҳои муаллиф оид ба мафҳуми иқтисодии соҳибкорӣ муқаррар гардидааст. Ба андешаи муаллиф соҳибкорӣ ин фаъолияти самараноки иқтисодие мебошад, ки барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо, харид ва фурӯш ба мизоҷон бо мақсади ба даст овардани фоидаи имонпазир ташкил карда мешавад.

Аз нуқтаи назари мо, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва расидан ба рушди устувори иқтисодии мамлакат, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин намуда, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардонидани некӯаҳволии мардум, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, ворид намудани технологияи муосири инноватсионӣ, тақвият бахшидан ба суръати рушди иқтисодии минтақаҳои қафомонда ва омода намудани мутахассисони баландихтисос шароити мусоид фароҳам меоварад.

2. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, имкониятҳои истифодаи онҳо дар таҷрибаи ватанӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, механизми фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муқоиса шуда, афзалиятҳои рақобатӣ муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи бойи таъсис ва рушди фаъолияти самараноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

3. Таҳлилҳои муаллиф нишон дод, ки саҳми минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, воридоти технологияи муосири инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ тадриҷан афзуда истодааст. Бояд қайд намуд, ки айни замон саҳми минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 0,42% ва дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,1%-ро ташкил намуда, ҳамасола тамоюли зиёдшавӣ дорад.

4. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили SWOT, экспертӣ, муқоисавӣ ва оморӣ омилҳои асосии ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсиррасонро ошкор ва таҳлил карда, барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта тавсияҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи мо, мушкилоти асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ пеш аз ҳама дар инфрасохтори рушднаёфта (нақлиётӣ, бозорӣ, иҷтимоӣ), мавҷуд набудани захираҳои молиявӣ, шароити иқлимӣ, вазъияти номуътадили сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сармоягузории нокифояи давлатӣ, нокифоя будани иттилоотонидани сармоягузорони имконпазир, таблиғ ва ташфиқоти сусти имтиёз ва афзалиятҳои субъектҳои МОИ, норасоии кадрҳои соҳибтахассус, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра ба шумор меравад.

5. Дар диссертатсия муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ ошкор намуда, барои мукаммалгардонии асосҳои қонунгузорӣ, идоракунӣ, тартиби интихоб ва бақайдгирии сармоягузорон, низоми андозбандӣ ва танзими гумрукӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод намудааст. Ба андешаи мо, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ин рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва воридотивазкунанда ба шумор меравад.

6. Аз ҷониби муаллиф тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ пешниҳод шудааст. Барои ташаккул ва рушди инфрасохтори муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ҷалби сармояи хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ, таъминот бо ашёи хом, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо зарур мебошад.

Ҳамзамон, унсурҳои асосии инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва МОИ ошкор карда шуда, механизми самараноки ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Инчунин, сарчашма ва усулҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонӣ, самтҳои афзалиятнок ва имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ ошкор карда шуда, тавсияҳои мушаххас ҷиҳати ҳалли мушкилоти асосӣ ва роҳҳои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмӣ - назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- пешниҳоди муқаррароти илмию назариявӣ оид ба нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ;
- таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ва имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳқиқ ва таҳлили вазъи муосири фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ошкор ва таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

- асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

- ташаккули инфрасохтори муосири соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

**5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 22 мақола ва корҳои илмӣ дар ҳаҷми 12 ҷ.ч. аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидааст, ки ба талаботи банди 35 – уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

**А). Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

1. Ҳамитов М.С., Абдураҳмон Ҳ./Фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. 2 (27) 2019. саҳ. 12-18. 0.4 ҷ.ч.
2. Абдураҳмон Ҳ./Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. 4-2 (34) 2020. саҳ. 13-21. 0.4 ҷ.ч.
3. Абдураҳмон Ҳ./Мушкилоти рушди минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. №1 (40) 2022. саҳ. 107-111. 0.3 ҷ.ч.
4. Абдураҳмон Ҳ. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ”/Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №1 (45). – С. 75-82. 0.4 ҷ.ч.
5. Нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар/Муртазоев О.Қ., Абдураҳмон Ҳ./Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз/Нашрияи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №2 (82) 2023. 0.4 ҷ.ч.
6. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т./Мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46).
7. Абдураҳмон Ҳ., Асоева М.С./Нақши борҷома дар баланд бардоштани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ/Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46).

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию баналмилалӣ.**

1. Абдураҳмон Ҳ./Моҳият ва ҳадафҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маводҳои Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба соли оила дар ДДТТ нашр шудааст. Душанбе – 2016 - 0.5 ҷ.ч.

2. Абдураҳмон Ҳ./Сармоягузорӣ - омили муҳимтарини рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи илмию назариявии устодон бахшида ба "20-солагии Ваҳдати миллӣ" ва "Соли ҷавонон". (Материалы v международной научно-практической дистанционной конференции "Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики") Душанбе – 2017-0.4 ҷ.ч.

3. Абдураҳмон Ҳ./Таҳлили фаъолияти истеҳсолию хизматрасонии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маводҳои Конференсияи илмию назариявии устодон бахшида ба "20-солагии Ваҳдати миллӣ" ва "Соли ҷавонон". Душанбе – 2017- 0.4 ҷ.ч.

4. Абдураҳмон Ҳ. / Мушкилоти рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони иқтисодӣ дар маводҳои Конфересияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ "Масоили муҳими таҳлил, баҳисобгирӣ ва истифодаи самарноки захираҳои молиявию қарзӣ дар КАС" дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур нашр шудааст. Душанбе – 2018- 0.5 ҷ.ч.

5. Абдураҳмон Ҳ./Истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳӣ ҳамчун омили асосии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар маводҳои конференсияи ҷуҳуриявӣ дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат нашр шудааст. Душанбе – 2018. 0.5 ҷ.ч.

6. Абдураҳмон Ҳ./Муҳимияти узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо: ҳадаф ва манфиатҳо дар маводҳои Конфересияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ "Масоили муҳими таҳлил, баҳисобгирӣ ва истифодаи самарноки захираҳои молиявию қарзӣ дар КАС" дар Донишгоҳи аграрии Точикистон ба номи Ш. Шоҳтемур нашр шудааст. Душанбе – 2018- 0.5 ҷ.ч.

7. Ҳакимов А.А., Шамсов Ф.Т., Абдураҳмон Ҳ./Рушди истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда - омили асосии таъмини амнияти бозори истеъмолӣ. Дар конференсияи байналмилалӣ дар ДДТТ ба чоп расидааст. Душанбе – 2018. 0.5 ҷ.ч.

8. Абдураҳмон Ҳ./Таснифот ва хусусиятҳои асосии инкишофи минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии

ҳайати илмию омӯзкорӣ дар мавзӯи “Тоҷикистон дар манзари ҷаҳонишавӣ”. ш. Душанбе, 29 – 30 майи соли 2019. 0.4 ҷ.ч.

9. Абдураҳмон Ҳ./Таҳлили вазъи муосири фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”. Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита / Материалы VIII Международной научно-практической конференции (27-28 нотября 2020г., г. Душанбе). Часть 2. – Душанбе: ОИПБА РТ, 2020. - стр.196-200 0.4 ҷ.ч.

10. Абдураҳмон Ҳ./Таҳлили вазъи нархҳо дар бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маводҳои Конференсияи илмию назариявии устодон бахшида ба “20-солагии Ваҳдати миллӣ” ва “Соли ҷавонон”. (Материалы v международной научно-практической дистанционной конференции “таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики”) Душанбе – 2017- 0.4 ҷ.ч.

11. Абдураҳмон Ҳ./Таҳлили вазъи муосир ва мушкилоти рушди инноватсионии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи VII-уми илмию амалии байналмилалӣ “Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: Масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ”., 25-26 сентябрси соли 2020. ш. Душанбе., саҳ.: 131-137. 0.5 ҷ.ч.

12. Ҳамитов М.С., Абдураҳмон Ҳ./Самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар шароити муосир”. Душанбе, 2023. 0.5 ҷ.ч.

13. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т./Афзалиятҳо ва хусусиятҳои маркетингӣ рақамӣ дар шароити муосир/Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи: “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир”. Душанбе, 2022.

14. Шамсов Ф.Т., Абдураҳмон Ҳ./Маркетинги рақамӣ ҳамчун унсури рушди иқтисодиёт//Ҳакимов А.А.,/Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи: “Самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар шароити муосир”. Душанбе, 2023. 0.4 ҷ.ч.

15. Таваров Л.Т., Шамсов Ф.Т., Абдураҳмон Ҳ./Мукаммалгардонии маркетинги сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи: “Самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар шароити муосир”. Душанбе, 2023. 0.4 ҷ.ч.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи: “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) тақризи роҳбари илмӣ н.и.и., дотсент Ҳамитов М.С., баромади д.и.и., профессор Дустбоев Ш. ва

н. и.и., дотсент Мухторзода С.С., баромади аъзоёни даъватшудаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон: д.и.и., профессор Раҷабов Р.К., д.и.и., профессор Нидоев Н.Ф., д.и.и., дотсент Толибов Қ.Қ. дар асоси овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи: “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъали мазкур дар ҷаласа 20 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 17 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор – 17,
зид – нест,
бетараф – нест.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраҳои маркетинг, тиҷорат ва сервис ва иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 26 августи соли 2023, суратҷаласаи №1 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи**
**маркетинг, тиҷорат ва сервис**
**н.и.и., дотсент** **Ҳакимов А.А.**

**Мудири кафедраи иқтисодиёт**
**ва ташкили соҳибкорӣ**
**н.и.и.** **Алимов К. К.**

**Котиби ҷаласа:**
**Муаллими калон** **Шамсов Ф.Т.**

***Имзои Ҳакимов А.А., Алимов К. К. ва Шамсов Ф.Т. – ро тасдиқ менамоям.***

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**